Нерӯманд касе нест, ки ҳарифро бар замин мезанад, балки нерӯманд касест, ки ҳангоми ғазаб худро идора мекунад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Нерӯманд касе нест, ки ҳарифро бар замин мезанад, балки нерӯманд касест, ки ҳангоми ғазаб худро идора мекунад".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён мефармоянд, ки нерӯи ростин нерӯи бадан нест, ё нерӯманд касе нест, ки паҳлавононро бар замин мезанад, балки нерӯманд касе аст, ки ҳангоми хашму ғазаб болои худ ғолиб меояд, зеро ин нишони қудрат ва пирӯзии ӯ бар шайтон аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5351